# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) пешниҳод шудааст.

Мавзуи рисолаи илмии Яҳёзода Ғолиб Яҳё аз санаи 30.04.2019 бо қарори ҷаласаи №04-и Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон зери унвони «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» тасдиқ гардида, таи солҳои 2019-2025 докторант фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии хешро пеш бурдааст.

Мазмуну муҳтавои рисолаи илмии унвонҷуи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон»» татбиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ»-ро дар бар гирифта, тибқи иҷрои нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Тавре ки муҳаққиқ қайд мекунад, мақсади асосӣ ба аҳолӣ ва насли наврас додани донишҳои экологӣ оиди истифодаи мақсадноки табиат ва таъмини бехатари муҳими зист мебошад. Дар рисолаи илмӣ зарурати ташаккули заминаи маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ ба ҳифзу ҳимояи арзишҳои табиат дар ҳамкории МТТ бо оила таҳқиқ гардидаст..

Мақсади таҳқиқот омӯзишу таҳлили ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон мебошад.

Дар доираи ин тадкикот фароҳам овардани шароитҳои педагогии таълиму тарбиявиро оид ба ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, коркарди амсилаи педагогии ки барои ташаккули маърифати экологии кӯдакон мусоидат мекунанд, пешниҳод намудаст. Аз ҷониби докторант амсилаи педагогии «Ташаккули асосҳои

маърифати экологии кӯдакон», ки аз ҷузъҳои - таъмини муҳити ашёӣ-рушддиҳанда (ташкили гӯшаҳои экологӣ дар гурӯҳ, дастрасии кӯдакон ба маводи табиат, имконияти донистагирии хусусиятҳои табиат); рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ (инкишофи дониш, маҳорат ва малака, эҳсосот гирифтан аз зебогиҳои табиат, шавқмандӣ аз дидани расм, хондани шеър) ва рушди муошират ва эҷодкорӣ (ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзуи экология (дар шакли суҳбат, нақл, расмкашӣ, суробсозӣ) дар ҳамкорӣ МТТ бо волидон иборат аст, коркард ва дар ҳамбастагӣ бо Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» мавриди истифода қарор ёфтааст.

Навгонии илмии кор аз он иборат аст, ки шароитҳои педагогии инкишофи самарабахши асосҳои маърифати экологӣ, амсилаи педагогии «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон»-ро дар ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ бо оила коркард ва татбиқ намуда, дар асоси он роҳу воситаҳои мушаххаси педагогиро барои татбиқи босамари он дар муҳити МТТ пешниҳод намудааст. Яке аз муҳимтарин вазифаи гузошташуда дар рафти таҳқиқот ин татбиқи босамари - Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» бо назардошти ҳамгироии машғулиятҳои таълимӣ, сайругашт, саёҳат ба табиати Тоҷикистон бо истифода аз асарҳои адабиёти бадеӣ, бозиҳои миллӣ, одату анъанаҳо мураттаб ва мавриди мебошад, ки мавриди озмоиш қарор ёфтааст. Таҳлили натиҷа, таркиб ва хулосабарорӣ аз баргузории озмоишҳои назоратӣ ва асосӣ бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии бадастомада оварда шуда, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот исбот гардидааст.

**Дар боби 1 - Боби якум «Асосҳои назариявии тарбияи асосҳои экологии кӯдакон дар муассисаи томактабӣ»** номгузорӣ шуда, дар он таҳлили адабиёти психологӣ, педагогӣ ва методӣ оид ба масъалаи тарбияи экологии насли наврас оварда шудааст. Муҳаққиқ хеле бамаврид қайд намудааст, ки давраи томактабӣ давраи хеле муҳим дар ташаккулёбии шахсияти инсон аст. Табиат яке аз воситаҳои тавонои инкишофи инсон мебошад. Мушоҳида, таҷриба, кор дар гӯшаи табиат, чорабиниҳои гуногун ба кӯдакон кӯмак мерасонанд, ки зарурати иштироки онҳо дар муҳити зистро дарк намоянд.

Дар ин боб Яҳёзода Ғолибҷон Яҳё нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷиро оварда, қайд мекунанд, ки инсон бояд аз хурдсолӣ ҷои худ дар табиат ва муносибати дуруст бо онро хуб донад. Ташаккули фарҳанги экологии кӯдакони синни томактабӣ албатта, тавассути фаъолияти бозӣ ва машғулиятҳои мухталифи экологӣ дониши онҳоро дар ин самти муҳим афзуда метавонад. Танҳо раванди муттасили таълим, тарбия ва инкишофи

шахсият, ки ба ташаккули системаи донишу малакаҳои илмӣ ва амалӣ, самтҳои арзишӣ, рафтор ва фаъолияте нигаронида шудааст, муносибати масъулиятнокро ба ҷомеа ва табиат таъмин менамояд.

**Дар боби дуюм «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони 6-7 сола»** дида баромада шуда, тавсифи **шароитҳои педагогӣ** барои ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ дар ҳамкорӣ бо МТТ дида баромада шудаанд. Докторант Яҳёзода Ғ.Я. дуруст қайд мекунад, ки тарбияи экологии кӯдакон дар мавриди мавҷуд будани ҳамкорӣ ва робитаи байни мураббӣ ва волидон метавонад самаранок бошад. Суҳбат бо кӯдакон ва мушоҳидаи табиат ба онҳо ёрӣ мерасонад, ки зарурати муҳофизати табиат ва эҳтиёткорона муносибат кардан бо сарватҳои табииро фаҳманд. Иду дилхушӣ ва чорабиниҳои фароғатӣ дорои мазмуни таъсирбахш мебошанд. Дар рисола баргузории чорабиниҳо бо хондани шеъру суруд, бозиҳо барои ҷалби кӯдакон ба дарки рӯйдодҳои табиат ва мушкилиҳои экологӣ ба таври амалӣ нишон дода шудаанд.

**Дар боби сеюм «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон»** дида шудааст. Тарбияи экологӣ худ раванди ташаккулдиҳӣ ва муайянкунии муносибати пурарзиш нисбати табиати иҳотакарда мебошад. Мақсад ташаккулдиҳии маҷмӯи донишҳо оид ба табиат, тарбия намудани майлу рағбати ҳифз ва эҳё намудан, ҳифзи табиати диёр, ки барои имрӯз ва фардои инсон заруранд, дар кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз амсилаи “Ташаккули маърифати экологӣ” ва Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» мебошад. Муҳаққиқ хеле бамаврид Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» -ро барои давраи соли хониш таҳия намудааст, ки 36 машғулиятро дар бар мегирад. Ҳамаи машғулиятхо дар рисола бо номгӯи мавзуъҳо, мақсад ва вақти баргузории мавзуъҳо бо ҳафтаҳо оварда шудааст ва барои мураббия кумаки методиро дар ташкили раванди таълиму тарбия расонида метавонад.

Навоварии дигари кори муҳаққиқ дар он дида мешавад, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ ҷиҳати фароҳам овардани муҳити рушддиҳанда «Гӯшаи илм» бо таҷҳизоти зарурӣро муҷаҳҳаз намудааст, ки шавқу ҳаваси маърифатии кӯдаконро нисбат ба олами гирду атроф бедор намуда, ба ташаккули маърифати экологии кӯдакон муосидат намояд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти таҷрибавӣ нишон дод, ки маҷмӯи чорабиниҳо бо истифода аз фаъолиятҳои маърифатӣ ва ҷустуҷӯии кӯдакон дар ташаккули донишҳои экологӣ хеле самаранок мебошанд, яъне маълумотҳои бадастомада самаранокии баргузории озмоишҳои асосиро

барои ташаккул додани маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон собит месозанд.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаи корҳои бaанҷорсида ва тавсияҳо оварда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) - 6D010101.01-Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)), аз он ҷумла, ба банди 4.1. – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ; асосҳои психологӣ-педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдак аз рӯзи таваллуд то давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; банди 4.3. – Махсусияти ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ; банди 4.6. - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва давраҳои гуногуни синну солӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагарӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муратгабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия дида мешавад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 10 мақолаи илмӣ, ки 4-тоаш дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Дар давраи кор унвонҷӯ Яҳёзода Ғолиб Яҳё худро ҳамчун шахсияти кордону нуктасанҷ, масъулиятнок ва қавиирода нишон дода, доимо аз болои баланд бардоштани маҳорати касбии худ кӯшиш менамояд. Ҳамчун роҳбари муассисаи таълимӣ муносибати инсонӣ ва одоби баланди омӯзгорӣ ба ӯ хос буда, пешаи худро дӯст медорад, ҳамвора пайи ҷустуҷӯ ва пажӯҳиш аст. Масъулиятнокӣ ва дақиқкорӣ ба ӯ имкон додааст, ки дар соҳаи илму таълиму тарбия ба муваффақиятҳо ноил шавад.

Хулоса, таҳқиқоти Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон», кори

мустақилона ба итмомрасидаро ифода намуда, дар он ҳалли як масъалаи муҳим, ки барои илм ва амалияи педагогӣ зарур аст, таҳқиқ гардидааст. Рисола ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 ҷавобгӯ арзёбӣ гардида, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ,

номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи педагогика,
психология ва методикаи таълим,
факултети филологияи Донишгоҳи
Славянии Руссия ва Тоҷикистон Қурбонова Зарина Ширинбековна

22.01.2026с.

Имзои Қурбонова З.Ш.-ро тасдиқ мекунам
Сардори идораи кадрҳо ДСРТ: Исмоилова М.Н.